**ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**

*ТДУ: 338(575.4)*
*ТКБ: 65.05 (2 тоҷик)*
*П-49*

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ПИРЗОДА СИНБОД**

# ТАНЗИМ ВА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ
## (дар мисоли вилояти Хатлон)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Душанбе – 2024

Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворӣ Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Пиризода Ҷалил Сафар,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор директори институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Қудратов Рустам Раҳматович** - профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон;<br><br>**Фасеҳзода Ислом Саймирзо** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” |

Ҳимояи диссертатсия санаи “30” майи соли 2024, соати 10.00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. E-mail: olimov-1976@mail.ru) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ё дар сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур www.tajagroun.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “_____” _______________2024 с. тавзеъ шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуъ.** Қазияҳои таъмини рушди устувори мамлакат, таъмини рушди устувори мамлакат, таъмини шароити мусоид барои истифодабарии потенсиалии захиравию-табиӣ минтақаро дар бар мегирад, ки таъмини мутавозини тшаккул ва рушди шакдҳои нави моликият ва хоҷагидориро бо мақсади баланд бардоштани самаранокии комплекси аграсаноатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардумро таъмин менамояд. Махсусан дар шароити глобализатсияи иқтисодиёт ва сурати афзоиши аҳолӣ афзалияти бебаҳс ин таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои мамлакат мебошад. Ин масъала аҳамияти худро бо қабули Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи 2030 сол, ки асоси он таъмини бехатарии озуқаворӣ- ҳамчун самти асосии рушди иқтисоди миллӣ мебошад гум намекунад. Охирон баланд башдоштани сатҳи таъминоти озуқаворӣ ва сифати истифодабарии захираҳои табиӣ минтақаҳоро ҳамчун соҳаи баробарҳуқуқи хоҷагии халқро тақозо мекунад.

Кризиси дарозмуддати иқтисоди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, паст рафтани истеҳсолот ва сатҳи зиндагии мардум ба сатҳи таъмининнокии маҳсулоти озуқаворӣ ва сабати истеъмоли таъсири худро расонид.

Дар умум тезутунд шудани ҳолати озуқворӣ монеъҳои куллиро дар таъмини рушди устуворӣ мамлакат, паст шудани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, паст шудани сатҳи камбизоятӣ, қазияҳои иҷтимоӣ, баъд шудани саломатии мардумро ба миён меорад. Барои ҳалли ин қазияҳо таъсири кулли кам будани таҳқиқотҳои назаривӣ ва методолигии сиёсати аграрие, ки хусусиятҳои минтақавӣ ва маҳалли ташаккули соҳаи кишоварзие, ки бо таъсири факторҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва хусусиятҳои дигар алоқамандand дар бар мегиранд.

Амалия нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои вазинини давраи “гузариш” паст шудани таъмини сифатӣ ва микдории хурока мебошад. Ҳолати мазкур таъсири худро ба оилаҳои камбизоат, ки сеяки аҳолиро ташкил мекунанд аз он ҷумла кудакон, занҳои ҳомиладор, калонсолон мерасонад.

Аз ин лиҳоз рушди минтақаҳои Ҷумҳуриро коркард ва амлаигардонии сиёти муосири озуқавориро бо истифодаи усулҳои нави дигаргунсозии аграрӣ, ки мукамалгардонии асосҳои назариявӣ ва методологиро дар таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ ва идоракунии босамари захираҳои табиии мамлакатро тақозо менамояд, коркард намуд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити камзаминӣ муносибатҳои бозоргонӣ бе дастгирии давлатии комплекси агросаноатӣ таъмини босуботи озуқворӣ дар минтақаҳо номумкин аст. Аз ҳалли самаранокӣ қазияи бехатарии озуқаворӣ на танҳо ҳалли сатҳи зиндагии мардум балки рушди устуворӣ иқтисоди миллӣ дар умум вобаста аст. Аз ин лиҳоз асоснокии илмии он масъала дар ҳолатикунонии воқеяти объективӣ дорад. Ин ҳолати табиӣ- иқлимӣ, меҳнатӣ, захизараҳои замин ва об, экологӣ- иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ ва имкониятҳои минтақаро оиди тахмини бехатарии озуқворӣ ва баромади мамлакат аз минтақаи гуманитариро талаб мекунад. Ин масъла дар шароити худмухторӣ ва ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ ҳадафи стратегии сиёсати аграрӣ ва истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ мамлакат мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Ба қазияҳои бехатарии озуқворӣ ва баҳодиҳии сатҳи таъминоти бозори озуқаворӣ асарҳои олимони машҳур

мактаби иқтисодчиёни классики – К. Маркс, Д. Рекардо, А. Смит, Р. Коуз ва дигарон бахшида шудаанд. Қазияҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар асарҳои олимони иқтисодчиёни рус Ю. Крижанович, А. Волинский, Н. Чернишевский, А. Чаянов, Н. Кондратьев ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Дар Тоҷикистон дурнамои гуногуни системаҳои минтақавӣ ва қазияҳои бехатарии озуқаворӣ аз лиҳози баланд бардоштани самаранокии экологӣ- иқтисодии истифодабарии асарҳои Асроров И.А., Ғафуров Х.Ғ., Қаюмов Н.К., Қудратов Р.Р, Пириев Ҷ.С., Самандаров И.Х., Раҳматов Х.Б., Бобоҷонов Д.Д., Фасеҳзода И.С., ва дигарон барриси шудаанд.

Аммо дар асарҳои мазкур ба омузиши комплексии қазияҳои таъмини бехатарии озуқворӣ бо назардошти рушди таъмини саломатӣ ва таври кофӣ баррасӣ нашуданд. Дар назарияи иқтисодӣ масъалаҳои баҳодиҳии сатҳи таъминнокии факторҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, ки ба нишондиҳандаҳои сифатии нишондиҳандаҳои ниҳоӣ ва самаранокии иқтисодии минтавӣ таъсири бевосита доранд пурра таҳқиқ нашудаанд.

Бояд диққати махсус ба таҳлили усулҳои баҳодиҳии бехатарии озуқаворӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ, самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ ва моддӣ, таъмини шароит барои рушди устуворӣ иқтисодӣ миллӣ ва механизмҳои ҷалби сармоя ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дода шавад. Аз ин лиҳоз тезу-тундии қазияҳои зерин ва зарурати ҳалли онҳо мақсади кори диссертатсионии мазкурр ва ҳалли масъалаҳоро муайян намуданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст омада дар умум барои ташаккули асосҳои илмӣ ва минтақавии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Онҳоро дар амалигардонии “Старатегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 сол”, дар соҳаи кишоварзӣ, дар коркарди Вазорати кишоварзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи Барномаҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ, аз он ҷумла барномаҳои минтақавии рушд истифода бурдан мумкин аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҷамбаҳои назариявӣ-методологии рушди устувор ва коркарди чорабиниҳои мушаххас иоди асосонок намудани баҳодиҳии сатҳи бехатарии озуқаворӣ ва беҳсозии ҳолати таъминот ба озуқа дар шароити рушди нави муносибатҳои иқтисодӣ мебошад.

Барои амалӣ шудани мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта ва ҳал карда шуданд:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявии таъмини озуқавории минтақа, муайян кардани мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ» ва низоми нишондиҳандаҳои таъмини озуқаворӣ дар шароити вилояти Хатлон;
- дар асоси омӯзиши равишҳои мавҷудбуда пешниҳод кардани методологияи арзёбии омории таъмини озуқаворӣ дар сатҳи минтақаи омӯхташаванда;
- омӯхтани ҳолатикунонии бозори озуқа ва таҷрибаи хориҷии танзими

таъмини озуқаворӣ бо мақсади истифода бурдани он дар вилояти Хатлон;

- пешниҳод намудани самтҳои асосии танзими бехатарии озуқаворӣ дар минтақа;
- коркарди механизми самаранокии истифодаи потенсияли табиӣ-моддии минтақаи таҳқиқшаванда;
- таҳияи тадбирҳои амалӣ оиди танзими самаранокии таъмини бехатарии озуқвории вилояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқ сатҳи таъмини озуқаворӣии аҳолӣ-ҳамчун омили таъмини рушди устувори вилояти Хатлон мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** – Предмети таҳқиқотро низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодие ташкил медиҳад, ки дар натиҷаи тағйирот ва мутобиқшавии аҳолӣ ба шароити тағйирёбандаи соҳаи таъмини озуқаворӣ фароҳам меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар асосонокунии роҳҳои асосии танзим ва таъмини бехатарии озуқавории минтақаи омӯхташаванда ҳамчун самти муҳими иқтисодиёти минтақавӣ, бартарияти таъминоти бехатарии озуқаворӣ ва баланд бардошатни сатҳ ва сифати сатҳи зиндагии аҳолӣ асоснок шудааст. Амалигардонии тавсияҳои илмии дар кор пешниҳодшуда метавонад дар коркарди амалии азхудкунии минтақаҳои наздикуҳӣ- ҳамчун омили захиравии таъмини худтаъминнокӣ бо озуқа ва баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат истифода шаванд.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқотро.** Асосоҳои назариявӣ методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ назарияи муосири рушди устуворӣ иқтисодиёти мамлакат, асорҳои олимони тоҷик ва хориҷӣ, оиди таҳқиқи қазияҳои бехатарии озуқаворӣ, базаи меёри- ҳуқуқӣ дар соҳаи сиёсати аграрӣ, ҳисоботҳои илмӣ ва мақолаҳо дар самти таъминоти озуқа ва истифодаи оптималии самаранокии захираҳои табиӣ-моддии минтақаҳо, барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди мамлакат ва меъёрию ҳуқуқии Маҷлиси Олӣ (парламент) ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди сиёсати аграрӣ ба даст овардани бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои мамлакат мебошад.

Дар рафти таҳқиқот усулҳои зерин истифода шудаанд: монографӣ, таҳлил ва синтези оморӣ, математекӣ-иқтисодӣ ва ғайра. Усули комплекси ҳамчун усули асосии таҳлил, коркард ва ҷамбасти нишондиҳандаҳои аввала, гузориши масъалаҳои таҳқиқот ва коркарди алгаритмҳои ҳалли онҳо истифода шудаанд. Истифодаи усулҳои боло зикргардида дар доири мақсади кори диссертатсионӣ имконият дод, ки эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот таъмин намояд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи таҳқиқот маълумотҳои оморӣ оиди рушди соҳаи кишоварӣ ва таъмини бехатарии озуқавории минтақаҳо, ки дар маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон,Маҷмаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институтҳои проблемаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои ПРООН (баҳодиҳии талабот, мақсадҳои рушди ҳозорсола), ҳисоботҳои солонаи хоҷагиҳо, ниҳияҳо, маълумотҳои экологӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон солҳои 2018-2023 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмӣ диссертатсионӣ.** Дар асоснокқунии асосҳои назариявӣ-методологии таъмини бехатарии озуқаворӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оиди баҳодиҳии сатҳи таъминнокии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарин, ки муаллиф шахсан ба даст овардааст ва онҳо навгонии илмии таҳқиқотро инъикос мекунанд, инҳо мебошанд:

-Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи қазияҳои таъмини бехатарии озқаворӣ баррасӣ шуда, муносибати ҷамбаҳои оид ба муайян намудани мавҳум ва моҳияти иқтисодии "Бехатарии озуқаворӣ", ки ба таъмини ҳамаҷонибаи аҳолӣ бо озуқаверии тароистеҳсоли потенсиалӣ табиӣ-моддии вилояти Хатлон ва рушди бозорӣ озуқаворӣ муайян карда шудаанд;

-Муносибатҳои методологии баҳодиҳии бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаи таҳқиқшаванда дар асоси нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ, дастрасӣ ва кифоягии озуқаворӣ бо назардошти оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ асоснок шуда, принсипиҳои танзими бозори минтақавӣ ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии оҳолӣ пешниҳод гардидаанд;

-Дар асоси таҳлил ва ҷамбасти таҷрибаи хориҷии таъмини бехатарии озуқаворӣ, сатҳи таъминнокии озуқаворӣ баҳодиҳи шуда сабабҳои самаранокии пасти истифодаи потенсиали табиӣ-моддӣ муаяйн шуда, усул ва шаклҳои самаранокии танзими бозори озуқаворӣ дар минтақаҳои мамлакат пешниҳод гардидаанд;

-Самтҳои асосии танзими давлатии бехатарии озуқаворӣ, ки таъмини воридотивазкунӣ ва ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ, истифодаи оптималии фишангҳои бозоргонии танзими бозори озуқавории вилоят ва дастгирии давлатии он пешниҳод шудаанд;

-Механизми самаранокии истифодабарии потенсиалӣ табиӣ-моддии вилоят бо мақсади таъмини бехатарии озуқаврриии аҳолӣ (истифодаи потенсиалии заминҳои наздикуҳӣ ва куҳӣ, фишангҳои ҳавасмандгардонии имтиёзнок, ҷудо намудани субсидияҳо дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ, маблағгузории корхонаҳое, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол менамоянд), пешниҳод гардидаанд;

-Маҷмӯи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии таъмини бехатарии озуқаворӣ (оптималикунонии сохтори истеҳсолот, истифодаи васеъи технологияҳои иннватсионӣ дар соҳа, мукаммалгардонии муносибатҳои лизингӣ ва суғуртаи молистеҳсолкунандагон дар соҳаи кишоварзӣ), ки таъмини бехатарии озуқаворӣ, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ, рушди устуворӣ иқтисодиёти минтақаро таъмин менамоянд, коркард шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи таҳқиқоти илмӣ.** Таҳқиқот шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 08.00.04.02 – иқтисоди комплекси аграсаноатӣ бандҳои 2. Амал намудан ва

тараққи ёфтани бозорҳои захиравӣ ва озуқаворӣи кишоварзӣ, усулҳои ҳимояи онҳо; 3. Танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 21. Бехатарии озуқаворӣи мамлакат, оқибатҳои бухрони ҷаҳонии озуқаворӣ, ҷабҳаҳои аграрии воридшавии Тоҷикистон ба Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) мутобиқат мекунад.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- Асосноккунии ҷамбаҳои назариявии таъмини минтақавии бехатарии озуқаворӣ ва мавҳуми " Бехатарии озуқаворӣ";
- Коркарди методологии баҳодиҳии нишондиҳандаҳои бехатарии озуқаворӣи вилояти таҳқиқшаванда;
- Омӯзиши таҷрибаи хориҷии танзими бехатарии озуқаворӣ ва истифодаи он дар вилояти Хатлон;
- Асосноккунии самтҳои асосии танзими давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣи вилояти таҳқиқшаванда;
- Коркарди асосоноки таклифҳои амалӣ оид ба самаранок истифодабарии иқтидори табиӣ-моддии вилоят.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар он аст, ки натиҷаҳои ва хулосаҷҳои таҳқиқоти гузаронидашударо сохторҳои ҳокимияти давлатӣ аз он ҷумла сохторҳои идоракунии маҳаллӣ дар коркарди сиёсати аграрӣ ва стратегияи ҳалли таъмини озуқа бо назардошти бехатарии озуқавориро метавонанд истифода баранд.

Дар кор тавсияҳо оиди беҳтар намудани ҳолати таъминнокии озуқаворӣ, ки бо муккамалгардонии такрористеҳсоли потенсиалӣ табиӣ-захиравӣ дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастаанд пешниҳод гардидаанд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълим дар курсҳои "иқтисоди минтақавӣ", "иқтисодиёти кишоварзӣ" ва "Рушди устуворӣ КАС" дар мактабҳои олӣ истифода мешаванд.

**Саҳми шахси довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар диссертатсия коркарди бо ҳама марҳилаҳои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи муаллиф амали шудаанд, аз он ҷумла дар асосоноккунии мавзӯ, асосоноккунии мубрамияти он, масъалгузории мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Саҳми шахсии унвонҷӯ пеш аз ҳама дар коркарди нуктахои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва таклифҳои мухталиф хулоса ёфтааст. Таклифҳои болозикргардида дар амалигардонии реформаи аграрӣ бо мақсади таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат истифода шудаанд. Баъзе таклифҳо дар барномаи минтақавии рушди чоҳаи кишоварзӣ истифодаи шудаанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯзаҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодшуда дар конфронсҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, семинару конфронсҳои Донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2018-2023) муҳокима шудаанд.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот**. Мундариҷаи асосии таҳқиқоткорҳои илмӣ, аз он ҷумла мақолаҳои дар маҷмаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳаҷми 5 ҷ.ч чоп шуданд.

Асоси иттилооти таҳқиқотро қонунҳо ва санадҳои меъёри-ҳуқуқии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, маводҳои ахборотии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазотари молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди-иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва оморий Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи баъзе корхонаҳои КАС ва манбаҳои хориҷӣ таъмин намудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори рисола**. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳод иборат аст. Он дар 184 саҳифа баён карда шуда, 24 ҷадвалҳо, 1 нақша ва 3 расмро дар бар мегирад. Феҳристи адабиёт 191 сарчашмаро дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар боби аввал «**Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ**» муаллиф дар доираи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии рушди муносибатҳои моҳият ва мазмуни таъмини бехатарии озуқаворӣ, таҷрибаи хориҷии он дар мамлаткат равона намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки таъмини бехатарии озуқаворӣ яке аз қисмҳои асосии таркиби бехатарии иқтисодӣ мебошад. Мақсади он замонати қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба озуқаворӣ, асосан аз ҳисоби маҳсулоти ғизоии ватанӣ, дар сатҳи кофӣ барои ҳаёту фаъолияти муътадили он мебошад. Муаммои бехатарии озуқаворӣ хусусан дар давраҳои сарнавиштсози ҳаёти давлат эҳсос мешавад. Таркиби мушаххаси ин муаммо вобаста ба шароити дохилӣ ва берунии давраи муайян тағйир меёбад.

Муаммои бехатарии озуқаворӣ ҳеҷ гоҳ худ аз худ вуҷуд надошт. Он натиҷаи масъалаҳои рушди иқтисодӣ дар ҳар зинаи рушди ҷомеа мебошад. Таъмини бехатарии озуқаворӣ бояд ба таркиби вазифаҳои муҳимтарини давлат тибқи Стратегияи давлатии бехатарии иқтисодӣ «барои эҷоди шароити мақбули ҳаёту рушди шахсият» дохил карда шавад.

Дар сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ибораи «бехатарии озуқаворӣ»-ро вакилони парламент оғоз карданд, ки бо саъйи онҳо лоиҳаи қонун «Дар бораи бехатарии озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардид. Ба қавли муаллифони қонун бехатарии озуқаворӣ шарти муҳими бақои давлат ва ҳам ҳаёти ҷисмонии аҳолӣ мебошад. Ҳангоми таҳия кардани ин қонуни то ҳол қабулнашуда вакилон мафҳуми бехатарии озуқавориро чун ҳолати иқтисод, аз ҷумла комплекси агросаноатии он шарҳ доданд, ки дар он захира, иқтидор ва кафолатҳо имкон медиҳанд то талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ бидуни кам кардани захираи давлатӣ ва новобаста ба шароити дохилию берунӣ таъмин гардад.

Ин таърифи мафҳуми бехатарии озуқаворӣ мушаххасан ба кишвари дорои иқтисоди давраи гузариш ё буҳронзада мувофиқ меояд, зеро дар он ҳама омилҳои таҳдид ба манфиатҳои он номбар шудаанд ва ҳолати хатарро аз рӯи ададҳои баръакси амният дарк кардан мумкин аст. Зимнан арзёбии ҳолати бехатарии озуқаворӣ ба бартарафсозии ин таҳдидҳо асос меёбад.

Ҳангоми таҳқиқи мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ» бояд дар хотир дошт, ки моҳияти ин мафҳум барои тамоми давлат ва барои минтақаи алоҳида аслан мутафовит аст. Дар миқёси минтақа мафҳуми бехатарии

озуқаворӣ бо мафҳуми дарачаи таъмини озуқаворӣ ва вобастагӣ ё бехатарии озуқаворӣ дар астҳи минтақа маҳдуд мешавад.

Дар заминаи таҳқиқоти дар зер овардашуда мафҳуми бехатарии озуқаворӣ кӯшиш мекунем, ки мафҳуми ягонаву умумии бехатарии озуқавориро тахия намоем: "Бехатарии озуқаворӣ ҳолати иқтисод аст, ки дар он таъмини кафолатдодашуда ва сифатноки шаҳрвандон бо озуқаворӣ дар давраҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти давлат амалӣ карда мешавад".

Тезутундшавии масъалаи озуқаворӣ зарурати рушди соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои ҳамҷавори он, рушди муносибатҳои аграрӣ ва сиёсати аграриро ба мадди аввал мебарорад. Алҳол фаъолияти асосии хоҷагидорӣ дар минтақаҳо амалӣ мегардад. Ҳар минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои хоси воридотии худ, хусусиятҳои ҷойгирсозӣ, сохтори хоҷагӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ, нишонаҳои миллӣ ва таърихии худро дорад ва ҳар минтақа ҷои муайянеро дар комплекси хоҷагии кишвар ишғол мекунад.

Мақсади стратегии сиёсати авлатии аграрии озуқаворӣ мусоидат ба натиҷаҳои босуботу босамари фаъолияти корхонаву муассисаҳои КАС мебошад, ин имкони инкишоф додани бозори маҳсулоту ашёи хоми кишоварзӣ ва хӯрокворӣ, таъмини пурраи аҳолии кишвар бо озуқавории мукаммал, таъмини саноати хӯрокворӣ ва коркард бо ашёи хоми хушсифат, ҳалли проблемаи бехатарии миллии озуқаворӣ, афзудани содироти маҳсулоту ашёи хоми кишоварзӣ ва хӯрокворӣ, афзудани фоидаи муассисаҳои кишоварзӣва корхонаҳои аграрии озуқаворӣ, сифати ғизои аҳолии кишварро муҳайё мекунад.

Татбиқи амалии сиёсати аграрии озуқаворӣ танҳо бо шарти риояи принсипҳои асосии зерин имконпазир аст: пайдарпайӣ ва устувории тадбирҳои танзими давлатии бахши аграрии озуқаворӣ; муайян будани тадбирҳо; дастраси баробари ёрии давлат барои ҳамаи шаклҳои ташкилию ҳуқуқии пешбурди истеҳсоли аграрӣ; кафолати иҷрои уҳдадории давлат дар назди субъектони хоҷагидори бозори аграрии озуқаворӣ; ягонагии бозори аграрии озуқаворӣ ва бозори захираҳо барои истеҳсоли агросаноатӣ дар тамоми ҳудуди кишвар, таъмини шароити ягонаи рақобат дар бозори аграрии озуқаворӣ; шаффофии сиёсати аграрии озуқаворӣ, дастрасии ҳамаи субъектони хоҷагидор ба иттилооти воқеӣ.

Омилҳо ва шартҳои асосии таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ маҷмӯи захираҳои табиӣ, истеҳсолӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ, сармоягузорие мебошанд, ки ба фаъолияту рушди пурраи низоми истиқлоли озуқавории уишвар аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ тибқи меъёрҳои илман асоснокшуда мусоидат мекунанд (нигаред ба ҷадвали 2.)

Бояд гуфт, ки зарурати таҳқиқи масъалаи таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ аз таҳияи сиёсати аграрии озуқаворӣ ва аҳволи хоҷагии миллии озуқаворӣ, инчунин аҳамияти стратегии он дар бозори ҷаҳонӣ бармеояд. Беҳгардонии таъмини озуқаворӣ вазифаи муҳими иҷтимоию иқтисодиест, ки иҷрои он барои кишвар аҳамияти калидӣ дошта, яке аз шартҳои асосии таъмини бехатарии миллии он ҳам мебошад.

Ҷадвали 1. - **Сохтори низоми таъмини озуқавории вилояти Хатлон ва омилҳои амалигардонии он**

| **Зернизоми истеҳсоли аграрӣ - сатҳи таъмини озуқаворӣ** | **Зернизоми ташаккул ва тақсими озуқаворӣ - сатҳи дастрасии ҷисмонӣ** | **Зернизоми истеъмол - истеъмоли маҳсулоти ғизоӣ** | **Омилу шароити таъмини озуқаворӣ** |
|---|---|---|---|
| Сатҳи худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ ва истиқлоли озуқаворӣ | Ҳаҷму ассортименти озуқаворӣ | Истеъмоли воқеии маҳсулоти ғизоӣ | Фаъолияти самараноки бозори аграрии озуқаворӣ |
| Фарқи миёнаи сатҳи истеъмоли воқеӣ аз меъёр | Ҳаҷми фонду захираҳои давлатии озуқаворӣ | Миқдори моддаҳои заранок дар маҳсулоти ғизоӣ | Сегменти муносиби нархҳо дар КАС |
| Истеҳсоли дохилии маҳсулоти ниҳоӣ ба сари аҳолӣ | Ҳаҷму сохтори харидории озуқаворӣ аз тарафи гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ | Мувофиқати сохтори истеъмол аз лиҳози миқдори сафедаҳо ва калориянокӣ | Ташаккули зерсохтори бозорӣ |
| | Ҳаҷми воридоту содироти озуқаворӣ | Истеъмоли озуқавории воридотӣ | Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС |

***Манбаъ: таҳияи муаллиф**

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини озуқаворӣ асосан бо худтаъминкунии маҳсулоти асосии ғизоӣ аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ, яъне бо истиқлоли озуқаворӣ маҳдуд мешавад. Зимнан вазифаи аввалиндараҷаи хоҷагии озуқаворӣ аз барқарорсозии сатҳи истеъмоли намудҳои асосии маҳсулоти ғизоӣ ва таъмини арзишнокии энергетикии маҷмӯи ғизо аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ иборат аст. Дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, ки пеш аз ҳама дар ҳолати бухронии соҳаи кишоварзӣ лозим аст, самти асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодии таъмини озуқаворӣ мегардад.

Ҳамин тариқ ба чунин хулоса баровардаанд, ки асосҳои назариявии қазияҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар вилояти Хатлонро таҳлил намуда, чунин хулосабарори кардан мумкин аст. Баррасии бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақа бо муаммои фазои иқтисодӣ бастагӣ дорад ва баъзан ба тақсимоти он ба қисмҳои ҷудогона мусоидат карда метавонад. Дар заминаи таҳқиқоти мафҳуми бехатарии озуқаворӣ ба хулоса омадем, ки бо назардошти хусусиятҳои минтақавии вилояти Хатлон “Бехатарии озуқаворӣ ҳолати иқтисод аст, ки дар он таъмини кафолатшуда ва сифатнокӣ шаҳрвандон бо озуқаворӣ дар давраҳои гуногуни ҳаёти фаъолияти давлат амалӣ карда машавад” ин мавҳумро истифода бурдан мукин аст.

Дар шароитикунонӣ нобаробарии рушди минтақаҳо меафзояд, фарқият байни минтақаҳо меафзояд, фарқият байни минтақаҳои мутараққӣ, аз ҷумла қафомонда зиёд мешавад. Сабабҳои фарқияти афзояндаи байни минтақаҳо омилҳои зерин мебошанд: паст шудани сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ минтақаҳои қафомонда; патҳи нокофияи рушди иқтисодӣ в сиёсати минтақавӣ.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ду гурӯҳи минтақаҳои мамлакатро ҷудо кардан мумкин аст:

•минтақаҳои аграрӣ (ҳисаи баланди кишоварзиро дар сохтори истеҳсол доранд);

•минтақаҳои аграрӣ-саноатӣ (истеҳсолӣ саноатӣ-аграрӣ баробар аст.

Таҳлили таҷрибаи хориҷии танзими таъмини озуқаворӣ нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини бехатарии озуқаворӣ таҷрибаи зеринро истифода бурдан мумкин аст: қабули барномаҳои дарозмуддати беҳсозии заминҳои кишоварзӣ; рушди муносибатҳои кооперативӣ; беҳсозии ҳолати суғуртаи иҷтимоӣ; ташаккули сохторҳои машварӣ дар соҳаи кишварзӣ; беҳсозии ҳолати ёрии молиявӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ; малигардонии сиёсати навӣислоҳоти соҳаи кишоварзиро бо назардошти таъмини бехатарии озуқаврии вилоят.

Дар боби дуюми **«Таҳлили ҳолати муосири таъмини озуқавории вилояти Хатлон»** таҳлили ҳолати муосири таъмини озуқавории вилояти Хатлон, хусусиятҳои минтақавии бехатарии озуқаворӣ мавриди арзёби қарор дода шудаанд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар сохтори ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон минтақаи аграрӣ ҳисобида мешавад, зеро ҳаҷми асосии заминҳои ҳосилхез маҳз дар ҳамин минтақа ҷойгир аст. Вилояти Хатлон дар ҳудуди 24,6 ҳазор км$^2$ ҷойгир шудааст, ки 17,2%-и ҳудуди мамлакатро дар бар мегирад. Аз рӯйи тақсимоти маъмурию ҳудудӣ ба ҳайати вилоят 21 ноҳия, 4 шаҳр, 21 шаҳрак ва 133 ҷамоати деҳор дохил мешаванд. Ба санаи 01.01.2017 шумораи аҳолии минтақа 3530,0 ҳазор нафарро ташкил дод.Вилояти Хатлон дорои иқлими гарм ва хушк буда, аз нигоҳи минтақаҳои агроиқлимӣ онро чунин тақсимбандӣ намудан мумкин аст: Шимолӣ, ки дорои иқлими хунук аст; Марказӣ, ки иқлими гурм ва хушк дорад; Ҷанубӣ, ки қлими гарм ва хушк дорад. Маълумот доир ба тавсифи мухтасари вилояти Хатлон дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. -Тавсифи мухтасари вилояти Хатлон дар солҳои 2017 – 2021**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021/2017 %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳудуд, ҳазор. км$^2$ | 24,7 | 24,7 | 24,7 | 24,7 | 24,7 | 100,0 |
| Аҳолӣ, ҳазор нафар | 3198,5 | 3274,8 | 3348,3 | 3459,7 | 3530,0 | 110,4 |
| Аҳолии шаҳрнишин, % | 18,1 | 18,0 | 17,9 | 18,3 | 17,5 | -3,4 |
| Аҳолии деҳот, % | 81,9 | 82,0 | 82,1 | 81,7 | 82,5 | +100,7 |
| Зичии аҳолӣ, ҳазор нафар | 129,5 | 132,6 | 135,6 | 138,7 | 142,9 | +110,3 |
| Шумораи шаҳрҳо | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 100,0 |
| Ноҳияҳо | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 | 100,0 |
| Корхонаҳои саноатӣ | | | | | | |
| Вазни қиёсии маҳсулоти саноатӣ, бо % нисбат ба ҷамбаст | 29,9 | 30,5 | 31,4 | 29,1 | 26,1 | -13,0 |
| Вазни қиёсии маҳсулоти кишоварзӣ, бо % нисбат ба ҷамбаст | 20,3 | 19,8 | 20,9 | 22,7 | 24,1 | 118,7 |

***Манбаъ:** таҳия гардидааст аз рӯйи: минтақаҳои ҶТ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе- 2023. С- 19

Таҳлили ҳолати муосири иқтисодиёти вилояти Хатлон нишон дод, ки дар минтақа умумае тамоюли рушди иҷтимоию иқтисодии босубот мушоҳида мегардад (ҷадвали 3.). Аҳолии вилоят дар давоми солҳои 2017-2021 331 ҳазор нафар зиёд шудааст. Дар ин давра аҳолии шаҳрнишин 3,4% кам шудааст, вазни сиёсии маҳсулоти саноатӣ 13% кам шудааст. Солҳои охир тамоюли зиёдшавии маҳсулоти кишоварзӣ 23,8% ба назар мерасад.

**Ҷадвали 3. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон барои давраи солҳои 2017 – 2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017, % маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МММ, млн. сомонӣ | 12522,7 | 14621,7 | 15030,1 | 15320,1 | 16120,3 | +128,7 |
| МММ ба ҳар сари аҳолӣ | 4108,8 | 4716,7 | 5105,3 | 5800,4 | 6200,5 | +150,9 |
| Суръати рушд, бо % | 100 | 114,8 | 124,3 | 141,2 | 150,9 | х |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда | 12350 | 12346 | 12900 | 13210 | 13450 | +108,9 |
| Шумораи нафарони машғул, ҳазор нафар | 404,6 | 422,3 | 450,6 | 480,4 | 490,1 | +121,2 |
| Музди маоши миёнаи моҳона, сомонӣ | 645,1 | 714,3 | 750,6 | 780,9 | 810,4 | +125,6 |
| ММК, млн. сомонӣ | 11381,6 | 11728,6 | 12040,1 | 12560,1 | 13040,3 | +114,6 |
| Маҳсулнокии меҳнат, сомонӣ/нафар | 30950,8 | 34624 | 33355,7 | 31892,3 | 32891,2 | +106,3 |

* **Манбаъ:** тартиб додашуд аз рӯйи вазъи омори соланаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2023. С-216-217

Аз маълумоти ҷадвали 3 мушоҳида мегардад, ки нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди вилоят тамоюлӣ беҳгардӣ доранд. Ҳамин тавр, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар ин давра ба 2,2 афзоиш ёфта, 14621,7 млн. сомониро ташкил додааст. Дар баробари ин вазни қиёсии МММ дар сохтори ММД-и ҷумҳурӣ аз 20,5% то 26,8%, МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар ин давра тақрибан 2 маротиба ва шумораи корхонахои амалкунанда тақрибан 80 % афзудааст. Ҳаҷми умумии ММК дар соли 2021 11728,7 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017 1,4 маротиба зиёд мебошад.

Вилояти Хатлон дорои иқтидори табиию захиравии назаррас мебошад. Мавҷудияти шароити мусоиди обу ҳаво ва иқлим барои рушди кулли соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан кишоварзӣ мусоидат намуда, саҳми соҳаро дар сохтори иқтисодиёти минтақа ба таври назаррас тақвият мебахшад, сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо озуқаворӣ ва ҷолибияти минтақаро аз нигоҳи ҷалби сармоягузорӣ баланд мебардорад. Лекин дар минтақа харҷ ва таназзули босуръати иқтидори табиию захиравӣ, махсусан захираҳои заминию обӣ ва гуногуни биологӣ арзи вуҷуд дорад.

Соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ пешниҳодкунандаи як қатор тадбирҳои калидии рушд буда, дар баробари ин, омили марказии суръатбахшанда ба ҳалли мушкилоти таъмини озқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. -Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, кг/нафар (2017 - 2021)**

| Наъи маҳсулот | Соли 2017 | Соли 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2017 (+, - ) | Меъёри ғизо барои 1 нафар | Тафовут аз меъёри ғизо дар соли 2021/2017 (+ , - ) |
|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона ва лубиёгӣ | 282,4 | 322,9 | +114,3 | 147,7 | +175,2 |
| Картошка | 50,9 | 66,8 | +131,2 | 92,0 | +25,4 |
| Сабзавот ва зироатҳои полезӣ | 521,0 | 685,7 | +131,6 | 166,1 | +519,6 |
| Меваҳо, бутамеваҳо ва ангур | 86,0 | 101,5 | +118,0 | 124,1 | +22,9 |
| Гушт (бо вазни зинда) | 43,1 | 56,7 | 131,6 | 40,8 | |
| Шир | 146,2 | 150,2 | +102,7 | 115,3 | +34,9 |
| Тухм, ҳазор дона | 235,3 | 307,6 | +130,7 | 180 | +127,6 |

* **Манбаъ:** Вазъи иқтисодӣ иҷтимоӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2023. С-15-16.

Афзоиши аҳолӣ дар вилояти Хатлон аз ҷиҳати норасоии маҳсулоти озуқа ва мураккабгарии равандҳои демографӣ ба хислатҳои манфӣ оварда мерасонад. Дар айни замон касри намудҳои асосии маҳсулоти хуроквори дар қиёс ба меъёрҳои тиббӣ дар вилоят аз 22% то 75%-ро ташкил медиҳад.Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ҳаётан муҳими кишоварзӣ, ба монанди гушт, шир ва тухм нисбат ба эҳтиёҷоти бозори истеъмолот мутобиқан аз 10,0, 32 ва 5,5% боло намеравад.

Аз ҷониби Институти илмӣ-тадқиқотии хуроквории ва корхонаи унитарии «Хуроквори» талаботи миёнаи шабонарӯзии тахминӣ ба маҳсулоти ғизоӣ ба ҳар сари аҳолӣ вобаста ба шароити Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Мутобиқ ба меъёрҳои пешниҳодшуда аз рӯйи маҳсулоти алоҳидаи ғизоӣ мо талаботи солонаро барои 3,1 млн. нафар (шумораи аҳолии вилоят дар соли 2022) ҳисоб намудем. Натиҷаҳои бадастомада бо истеҳсолоти воқеии маҳсулоти ғизоии мазкур дар соли болозикр муқоиса карда шуда, то чӣ андоза эҳтиёҷоти аҳолиро қонеъ намудани он муайян карда шудааст (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. - Таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва талаботи ҷомеа дар вилояти Хатлон**

| Навъи маҳсулот | Ҳаҷми истеҳсолот дар соли 2022 тонна | Талаботи ҷамъиятӣ (тонна) бо назардошти шумораи аҳолии вилоят (3,53 млн нафар) | Таносуби талабот ба истеҳсоли воқеӣ (%) маротиба |
|---|---|---|---|
| Ғалладона ва лубиёгиҳо | 103268,0 | 521381,0 | 1,98 |
| Гушт (в уб.весе) | 185768,0 | 144024,0 | 128,9 |
| Шир | 570019,0 | 407009,0 | 130,2 |
| Тухм (ҳазор дона) | 108575,0 | 635400,0 | 17 |
| Картошка | 213801,0 | 324760,0 | 65,8 |
| Сабзавот ва полезӣ | 324722,0 | 586333,0 | 2,7 |
| Меваҳо, буттамеваҳо ва ангур | 324722,0 | 438073,0 | 74,1 |

***Манбаъ:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2023. С-15-65.

Қайд кардан зарур аст, ки айни ҳол муқаррароти илман асосноки меъёри ғизо вуҷуд надорад ва бинобар ин, муҳақиқон сатҳи хурокаи аҳолиро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо роҳҳои гуногун арзёбӣ менамоянд. Дар ин маврид, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ маҳаки муайян намудани нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бояд конюктураи бозор, яъне мавҷудияти тақозо ва пешниҳодот нисбат ба маҳсулоти мушаххас ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори беренӣ бошад.

Дар шароити муосир муносибатҳои илмию амалӣ нисбат ба мушкилоти аманияти озуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба татбиқи технолгияҳои сарфакунандаи захираҳои кишоварӣ, парвариши зироатҳои кишоварзии дорои самарабахшии баланд, мутавозингардонии сохтори исифодабарии захираҳои заминию обӣ, қуваи корӣ, татбиқи шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ дар хоҷаги қишлоқ равона карда шудааст. Бинобар ин, дар оянда ташкили илман асосноки истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳои камсамари кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, бо дарназардошти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои коркард, бояд аз рӯйи принсипҳои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монда шавад.

Дар рафти ҳалли мушкилоти озуқаворӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ заминҳои корами обӣ нақши муҳим мебозад. Таъмини рушди роҳҳои имконпазири истифодаи оқилонаи захираҳои заминию обӣ аз ҳисоби татбиқи самарабахши усулҳои маҷмуии обёрикунӣ, аз худ намудани заминҳои (нишебиҳои) эрозиягардидаи маҳсулнокиашон паст ва дигар заминҳои номувофиқ аз вазъияти тезутунди дар динамикаи истифодаи замин баамалоянда вобаста мебошад. Қатъи назар аз ҳолати мураккаби экологӣ, заминҳои обёришаванда чун қабл дар КАС-и кишвар мақоми пешбарандаро ишғол мекунад. Дар робита ба ин, дар мамлакат рушди нисбатан интенсивиро заминҳои обёришаванда касб намудаанд (нигаред ба Ҷадвали 6).

Тавре аз маълумоти ҷадвали 6 бар меояд, майдони кишт дар ҷумҳури даср соли 2021 дар қиёс ба соли 2017 ба 63,9 ҳазор га. ё ин ки ба 7,09% кам гардидааст. Ҳамин тавр, дар ҷумҳури дар давраи таҳлилӣ майдони кишт ҳамагӣ ба 50,8 ҳазор га. кам гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки зиёда з 50%-и майдонҳои кишт ба вилояти Хатлон рост меояд ва дар давраи солҳои 2017-2021андозаи он ба 20,7 ҳазор га ё худ 7,8% коҳиш ёфтааст.

Солҳои охир дар вилояти Хатлон равандҳои деградатсионӣ зуд тақвият ёфта, ҳудуди зиёда аз 10,3 ҳазор га. заминҳои кишти кишоварзӣ зери равандҳои деградатсонӣ қарор гирифтаанд, ки он ба сатҳи бехатарии озиқаворӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷаи хурдашавии аксари иншоотҳои гидротехникӣ дар вилоят аз 320 ҳазор га. заминҳои обёришаванда кисми назаррас дар айни ҳол аз истифода берун мондааст, инчунин раванди соқит донистани заминҳои обёришаванда, ки ба таҷдид мувофиқ намебошад, ба амал овада истодааст.

**Ҷадвали 6. - Мавҷудияти заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017-2021**

| Минтақаҳо | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | | Солҳои 2021/ 2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳазор га. | % | ҳазор га. | % | ҳазор га. | % | ҳазор га. | % | ҳазор га. | % | |
| **Ҳамагӣ дар ҶТ** | 837157 | 100 | 826704 | 100 | 846990 | 100 | 856734 | 100 | 861692 | 100 | 102,9 |
| **Вилояти Хатлон** | 413916 | 49,4 | 403353 | 48,7 | 421838 | 49,8 | 426319 | 49,7 | 430514 | 50,0 | 104,0 |
| **Вилояти Суғд** | 270936 | 30,3 | 272566 | 33,0 | 274795 | 32,4 | 278640 | 32,5 | 279758 | 32,5 | 103,2 |
| **НТҶ** | 140325 | 16,8 | 138888 | 16,8 | 139791 | 16,5 | 141188 | 16,5 | 136805 | 15,9 | -97,4 |
| **ВМКБ** | 11927 | 1,4 | 11844 | 1,4 | 10516 | 1,2 | 10531 | 1,2 | 10675 | 1,2 | -89,5 |
| **ш. Душанбе** | 53 | 0,1 | 63 | 0,1 | 50 | 0,1 | 56 | 0,1 | 3940 | 0,1 | 74,3 мар |

***Манбаъ:** таҳия карда шудааст аз рӯйи: минтақаҳо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2023. С-132-136

Дар натиҷа бадшавии ҳолати инфрасохтори хоҷагии об ва вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда ба амал омадааст. Дар вилояти Хатлон бо сабаби равандҳои деградатсионӣ дар, дар натиҷаи аз ҳад намнокшавӣ аз гардиши кишоварзӣ зиёда аз 6,0 ҳазор га. ва тақрибан 2,8 ҳазор га. заминҳо аз ҳисоби вайрон намудани реҷаи обёрӣ нобуд гардиданд, ки он ба баланд гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ, инчунин шурзамин гаштани заминҳои обӣ оварда расонид. Истифодаи интенсивии заминҳои обёришаванда ба он оварда расонид, ки ҳолати сифатии хок зуд бад ва тавозуни гумус дар хок манфӣ гардида, талафоти он дар давраи солҳои 1993-2015 18,4 тонна/га.-ро ташкил дод.

Дар вилоят аксари корхонаҳои кишоварзӣ дар самти амалӣ намудани чорабиниҳои ҳифзи табиат ба мушкилоти молиявӣ дучор мегарданд. Дар асоси ҳолати мазкур, ба надешаи мо, бояд механизми маблағгузории буҷетии ин гуна чорабиниҳо коркард карда шавад. Таҳлили барқарорсозии заминҳои ба чорабиниҳои мелиоративӣ ва агротехникӣ ниёздоштаи дар вилоят гузаронидашуда нишон дод, ки барои амалигардонии онҳо зиёда аз 400 млн. сомонб сармоягузории молиявӣ зарур мебошад, ки ба ҳисоби мо ин маблағ дар муддати 7 сол бозпас мегардад. Аз рӯйи маълумоти расмии оморӣ, дар вилоят наздик ба 2,8 ҳазор га. заминҳои шургашта ва дар натиҷаи баланд гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ ба сахтшавӣ мубаддалгашта пайдо гардидаанд. Ин омил ба коҳиш ёфтани маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ва сатҳи пасти зиндагонии аҳолии деҳот оварда расонидааст.

Ҳамин тариқ, таъмини руди афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла кулли комплекси агросаноатӣ, ҳамчун кафили бехатарии озуқаворӣ ва суботи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад. Ин боиси ҷустуҷӯи усулҳои нисбатан самарабахш ва истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ мегардад. Муҳимтарини онҳоро ташкил медиҳанд:

– бунёди шароит барои тавсеаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ то сатҳи барои қонеъ гардонии эҳтиёҷот ба он кофӣ тибқи меъёрҳои илман асоснок, инчунин дастгирии талаботи пардохтпазири аҳолӣ, ки барои ғизои оқилона кофӣ дар асоси рушди афзалиятноки хоҷагии қишлоқ ва комплекси агросаноатии мамлакат;

– бадшавии ҳолати иқтидори табиию захиравии вилоят дар шароити авҷ гирифтани буҳрони ҳам экологӣ ваҳам ғизоӣ дар хоҷагии қишлой бармало аён гардидааст. Суръати бaанди афзоиши аҳолӣ, рушд ва инкишофи зироати дорои самарабахшии баланд дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ба бадшавии захираҳои заминию обӣ оварда расонид, дар баробари ин, ба баланд гардидани арзишҳои истеъмолии аҳоӣ ва экосистемаи минтақавӣ, ки муъталигардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии кулли комплекси агросаноатиро тақозо менамояд, боис гардид;

– рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ танҳо дар шароити истифодаи самараноки иқтидори табиию захиравии минтақа имконпазир мегардад. Ин дар оянда истифода намудан аз захираҳои эҳтиётии табиӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии замин, муътадилгардонии иқтдори мавҷудаи заминию обии минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳиро ифода мекунад. Нуктаи охир омӯзиши амиқ ва имконоти истифодаи тамоми захираҳои минтақаҳои ҷумҳуриро ба сифати иқтидори эҳтиётии табиию захиравӣ талаб менамояд;

– таъмини маблағгузории самтҳои афзалиятноки рушди комплекси агросаноатӣ мутобиқ ба барномаҳои мақсадноки давлатии қабулгардида, ки ба иҷрои ҳатмӣ дар тамоми сатҳҳои фаъолияти маъмурӣ ва хоҷагидорӣ таалуқ дорад. Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ барномаи ҳавасмандгардонии ислоҳоти аграрию замин, хотима бахшидан ба хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин мутобиқгардӣ ба шароити бозорӣ ва таъсиси сохторҳои бозорӣ қабул карда шавад.

Ҳалли ин гуна масъалаи мураккаб дар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз бештар ҷиҳат ба сатҳи таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зандагии аҳолӣ вобаста мебошад, ки зербоби навбатии дисертатсия ба он бахшида мешавад.

Таъмини рушди афзалиятноки комплекси агросаноатӣ, ҳамчун кафолатдиҳандаи муҳими бехатарии озуқаворӣ ва суботи иҷтимоию иқтисодӣ дар вилояти Хатлон, қабули маҷмуи тадбирҳо ва чорабиниҳоро муайян менамояд, ки муҳимтарини онҳоро ташкил медиҳанд:

– дар заминаи таҳлил ва хулосабандии таҷрибаи хориҷӣ бояд

мушкилоти афзалиятноки бехатарии озуқаворӣ ва сатҳи баҳогузории таъмини озуқаворӣ ҷудо карда шавад, сабабҳои самаранокии пасти истифодаи иқтидори табиию захиравӣ муайян карда шуда, усулҳо ва шаклҳои самаранокии танзими бозори озуқаворӣ пешниҳод карда шудааст;

– фаъолгардоии раванди зинагӣ ва маҷмуии ташаккули хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама рушди шаклҳои нави моликият ва хоҷагидорӣ дар комплекси агросаноатӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии на танҳо меҳнат, балки инчунин ҳавасмандгардонии кулли истеҳсолот. Қабул намудани механизми чандири таъмини озуқаворӣ, танзими давлатии он, заминаи меъёрӣ ва механизми амалигардонии лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар вилоят;

– принсипҳои таҳлил ва баҳодиҳии ҳамаҷонибаи самарабахшии сиёсати ароозуқаворӣ. Баҳодиҳии самаранокии сиёсати озуқаворӣ ба инобат гирифтани на фақат самараи иқтисодӣ, балки ҳамзамон тағйирот дар омилҳои иҷтимоӣ ва экологиро ифода мекунад, ки дар ниҳояти кор арзёбии самараи маҷмуӣ ва таъсрбахшии сиёсати агроозуқавориро ба бехатарии озуқаворӣи минтақавии мамлакатро имкон медиҳад;

– ҷалби манбаҳои нави малағгусорӣ, ки ба иқтисодиёти бозорӣ ва хусусиятҳои минтақавии таъминоти озуқаворӣ мувофиқат мекунанд, ба монанди: қарзи ипотекӣ, муносибатҳои лизингӣ (иҷоравӣ), ҷалби сарҷашмаҳои маблағгузории ғайрибуҷетӣ, сармоягузори хусусии ватанӣ ва хориҷӣ, воситаҳо аз ҳисоби барориши қоғазхои қиматнок ва хусусигардонии амвол ва захираҳои дигар;

– азназаргузаронии кардиналии сиёсати нархгузорӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, ки инҳоро дар бар мегирад: таъмини даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ, ки ба маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии зарурӣ дар асоси хароҷоти меъёран асоснокшуда ноил гардидаанд; наздиксозии сатҳи нархҳо дар доираи ИДМ, фазои ягонаи гумрукӣ ва бозори умумии аграрӣ; индексатсияи ҳатмии нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ ҷиҳати нигоҳдории мубодили баробари мол дар байни хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои дигар.

Амалигардонии самтҳои болозикри сиёсати аграрӣ имкон медиҳад, ки дар 8-10 солҳои наздик вазъият дар низоми бехатарии озуқаворӣи минтақаҳои ҷумҳурӣ муътадил гардонида шуда, коҳишёбии равандҳои демографӣ боз дошта шавад ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳо баланд бардошта шуда, комплекси агросаноатӣ ба соҳаи пурмаҳсули иқтисодиёти миллӣ табдил дода шавад. Ҳалли ин мушкилот дар аксар маврид ба такмили идоракунии иқтидорӣ табиию захиравӣ, принсипҳо ва усулҳои самарабахшии сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар деҳот вобаста мебошад

Дар боби сеюм **«Самтҳои асосии баланд бардоштани таъмини самаранокии бехатарии озуқвории вилояти Хатлон»** ҷиҳати муаяйн намудани самтҳои асосии баланд бардоштани таъмини самаранокии вилояти Хатлон, танзими давлатӣ, истифодаи самаранокӣ табиӣ-иқлимӣ, самаранокии бехатарии озуқаворӣ баррасӣ шудаанд.

Бояд қайд кард, ки вилояти Хатлон бо комплекси агросаноатии хеле рушдкардаи худ фарқ мекунад. Ин вилоят ҳануз аз замони шӯравӣ ба

парвариши меваҳои субтропикӣ ва навъҳои пахтаи маҳиннах ихтисос ёфтааст. Ин соҳаҳо дар шароити муосир аз нигоҳи таҳкими тамоюли содиротии иқтисодиёти минтақа ва сарчашмаҳои муҳими афзоиши даромади субъектҳои хоҷагидорӣ ва воридоти асъор барои минтақа ва дар маҷмӯъ кишвар муҳимтарин боқӣ мемонанд. Чунин тарзи махсусгардонии минтақа ба сохтори истифодаи замин ва ташаккули механизми иҷтимоию иқтисодии дастгирии соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва умуман комплекси агросаноатӣ таъсири калон мерасонад (нигаред ба ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7.-Динамикаи маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2010-2022, ҳазор тонна,** (бо нархҳои муқоисавии соли 2022, млн. сомонӣ)

| **Нишондиҳандаҳо** | | **2010** | **2017** | **2018** | **2019** | **2022** | **2022/2010, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММК, ҳамаӣ | **I** | 15344,0 | 18259,8 | 20472,2 | 21126,3 | 22234,0 | 144,9 |
| | **II** | 8407,2 | 9581,9 | 10823,3 | 11192,7 | 11728,7 | 139,5 |
| | **III** | 54,8 | 52,5 | 52,9 | 53,0 | 52,7 | -2,1 б.ф. |
| аз он ҷумла.: -чорводорӣ | **I** | 4462,4 | 5237,9 | 6334,6 | 6790,7 | 7167,4 | 160,6 |
| | **II** | 2171,5 | 2697,2 | 3283,3 | 3607,1 | 3829,2 | 176,3 |
| | **III** | 48,7 | 51,5 | 51,8 | 53,1 | 53,4 | +4,7 б.ф. |
| -зироаткорӣ | **I** | 10881,6 | 13021,9 | 14137,6 | 14335,6 | 15066,6 | 138,4 |
| | **II** | 6235,7 | 6884,7 | 7540,1 | 7585,6 | 7899,4 | 126,7 |
| | **III** | 57,3 | 52,9 | 53,3 | 52,9 | 52,4 | -4,9 б.ф. |

***Манбаъ:** тартиб дода шудааст Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, АКҶТ, 2011. - С. 160-189; 2022. - С. 160-172, 184-189.
**I-ХДФ, II-хоҷагиҳои аҳолӣ, III-корхонаҳои кишоварзӣ**

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 8. аз он шаҳодат медиҳад, ки аз рӯйи натиҷаҳои соли 2022, дар ҳамаи нишондиҳандаҳо тамоюли мусбат мушоҳида карда мешавад. Вале агар вазъияти захираҳои заминию обиро, ки сол то сол бад шуда истодааст, ба назар гирем, чунин тахмин кардан мумкин аст, ки ин афзоиш талаботи рузафзуни аҳолии вилоят ба маҳсулоти озуқавориро конеъ намегардонад. Ғайр аз ин, афзоиши демографии аҳолиро низ ба назар гирифтан лозим аст.Аз ин лиҳоз ба назар гирифтани омилу шароите, ки самтҳои афзалиятноки рушди хоҷагии қишлоқ ва КАС-ро муайян мекунанд, аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Нисбатан муҳимтарини онҳоро тезутунд гардидани мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии инкишофи интенсивии комплекси агросаноатӣ дар алоқамандӣ бо мушкилоти ғайрисамаранокии шаклу механизмҳои таъмини афзоиши устувор ташкил медиҳад. Дар ин маврид сохтори ММД-и хоҷагии қишлоқи иқтисодиёти вилояти Хатлон, ки зиёда аз 50%-ро, аз ҷумла зироаткорӣ 70% ва чорводорӣ қариб сеякро ташкил медиҳад, аҳамияти хоса дорад.Дар шароити камзаминӣ ва хушксолӣ нақши асосӣ ба ситруспарварӣ мансуб дониста мешавад, ки он дараҷаи баланди нишондиҳандаи даромаднокии заминро таъмин намуда, мутаносибан дар харҷи замин нишондиҳандаи нисбатан камтаринро дар бар мегирад. Масалан, барои лимупарварӣ дар

шароити зироати хандақӣ харҷи замин ҳамагӣ 0,02 гектар ва зироатҳои рӯйизаминӣ - 0,013 гектарро ташкил медихад, ҳоло он ки барои пахтаи маҳиннахи миёна ин нишондиҳанда - 0,48 гектар, барои пахтаи маҳиннахи тунук - 0,31 гектар, барои богдории тухмии интенсивӣ - 0,1 гектар, субтропикӣ 0,14 гектар ва ғайраро ташкил медиҳад. Маълумоти овардашуда аз имконоти бузурги инкишофи ситруспарварӣ, аз лиҳози кам будани талаботи ин соҳа ба захираҳои заминӣ, шаҳодат медиҳанд.

Муаллиф асоснок менамояд, ки самаранокии баланд бардоштани сатҳи бехатарии озуқавориро аз рӯи як нишондиҳанда арзёбӣ намудан имконнопазир аст, зеро он дар баробари таъмини бехатарии озуқаворӣ як қатор самтҳои мустақилро дар бар мегирад: рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии деҳот, афзоиши даромади корхонаи кишоварзӣ. Вобаста ба ин, баҳодиҳии самаранокии таъмини сатҳи озуқаворӣ бояд таҳлили муфассали самтҳои мухталифро бо истифода аз нишондиҳандаҳои комплексии арзёбӣ дар бар гирад. Сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ дар ҳар як минтақа бо назардошти хусусиятҳои мушаххас, аз қабили шароити табиию иқлимӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, вазъи кишоварзӣ ва комплекси агроозуқаворӣ муайян карда мешавад (ҷадвали 8.).

**Ҷадвали 8.- Содирот ва воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии савдо дар моҳҳои январ-декабри солҳои 2021-2022,** *(ҳазор тонна)*

| Нишондиҳандаҳо | Содирот | | 2022 бо % нисбат ба 2021 | Воридот | | 2022 бо % нисбат ба 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | | 2021 | 2022 | |
| *Молҳои озуқаворӣ* | 226,4 | 220,4 | 97,3 | 1766,4 | 1775,1 | 100,5 |
| аз онҳо: | | | | | | |
| гандум | 0,7 | 0,3 | 42,9 | 1028,1 | 995,5 | 96,8 |
| орд | 2,6 | 6,2 | 2,4 мар. | 56,7 | 68,0 | 119,9 |
| шакар ва маҳсулоти қаннодӣ | 0,2 | 0,3 | 15,0 | 162,1 | 155,2 | 95,7 |
| макарон, угро ва ғайра | - | 0,1 | - | 15,2 | 11,2 | 73,7 |
| равғани растанӣ | - | 0,02 | - | 92,6 | 76,2 | 82,3 |
| шир ва маҳсулоти ширӣ | - | - | - | 8,7 | 8,7 | 100,0 |
| тухм, млн.дона | 0,8 | 23,4 | 29,3 мар. | 17,5 | 15,6 | 89,1 |
| чой | - | 0,1 | - | 5,6 | 5,7 | 101,8 |
| картошка | - | - | - | 18,0 | 3,6 | 20,0 |
| сабзавот | 98,0 | 76,7 | 78,3 | 30,1 | 18,2 | 60,5 |
| меваю буттамеваҳо | 108,8 | 112,0 | 102,9 | 42,9 | 48,6 | 113,3 |
| шарбатҳои меваҷот ва сабзавот | 2,1 | 1,5 | 71,4 | 1,9 | 1,9 | 100,0 |
| Сабзавот консервшуда | 1,9 | 1,0 | 52,6 | 9,4 | 10,4 | 110,6 |
| Ҳиссаи маҳсулоти ғизоӣ дар ҳаҷми умумӣ, % | 2,5 | 3,1 | - | 21,0 | 20,4 | - |

* Тартиб дода шудааст аз рӯйи: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, АМКҶТ, 2023. - С. 160-189; 2023. - С. 160-172, 184-189.

Истеъмоли умумиро истеъмоли озуқаворӣ + хӯроки чорво - тухмӣ - талафот - содирот ва захираҳо дар охири давра ташкил медиҳад. Дар ҳар як давраи вақт, мавҷудият ва истеъмоли ҳар як маҳсулот бояд мувофиқат

кунад. Ҳангоми таъмин гардади тавозуни озуқаворӣ дар тули якчанд сол, аз рӯйи онҳо тамоюли тағйироти мавҷудияти умумӣ, воридот, содирот, инчунин мавҷудияти истеъмолоти аҳолӣ ва хуроки чорворо пайгирӣ намудан мумкин аст. Агар захираҳои умумии барои истеъмол мавҷудбуда озуқавориро ба шумораи аҳолӣ тақсим кунем, пас муҳимтарин нишондиҳандаи мавҷудият - мавҷудияти миёнаи озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар давоми солро ба даст овардан мумкин аст. Нишондиҳанда мазкур дар сатҳи миллӣ нишондиҳандаи миёна буда, ҷанбаҳои дастрасии хонаводаҳоро (қобилияти истеҳсол, азхудкунӣ ё роҳҳои дигари бадастоварии озуқаворӣ) ба назар намегирад (нигаред ба ҷадвали 9.).
